Ба Шурои диссертатсионии 6D. KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо суроғаи ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҶаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Ислоҳоти иқтисодӣ дар низоми комплекси агросаноатӣ ва суръати баланди афзоиши аҳолӣ дар минтақаҳои кишвар истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқавориро тақозо менамояд. Ин вазъ, пеш аз ҳама, ба низоми муносибатҳои аграрӣ тайи даҳсолаҳои охир вобастагӣ дошта, барои таъмини бехатарии экологӣ ва озуқаворӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ, дар маҶмуъ, бетаъсир намондааст. Илова бар ин, дар шакли лозимӣ мавҶуд набудани ҳавасмандии истифодаи самараноки захираҳои замини кишоварзӣ дар минтақаҳои мамлакат ба сатҳи пасти истифодабарии онҳо оварда расонидааст. Ин ҳама, дар маҶмуъ, муҳиммияти ҶустҶӯи роҳҳо ва усулҳои нави баҳои минтақавии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини аҳолӣ бо маводҳои озуқаворӣ дар минтақаҳо арзёбӣ менамояд. Ин мубрами ва муҳим будани рисолаи диссертатсионии Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон) нишон медиҳад.

Дар автореферат муаллиф қайд менамояд, ки масъалаи самаранокии истифодаи захираҳои замин ва рушди интенсивии соҳаи кишоварзӣ тайи даҳсолҳои охир ба хотири истеҳсоли ҳарчӣ зиёди махсулотҳои озуқаворӣ ба таназзулёбии захираҳои замин ва бадшавии вазъи экосистемаҳои минтақавӣ, инчунин, таъсири манфӣ ба заминҳои корам ва Ҷангалҳо боис гаштааст. Ҳалли масъалаҳои мазкур тавассути фишангҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ғайриимкон буда, он то Ҷое ҳавасмандии нигоҳдорӣ, такрористеҳсолӣ ва муҳофизати захираҳои замин ва экосистемаи минтақавиро таъмин намекунад. Аз ин лиҳоз, таъмини бехатарии озуқаворӣ дар қатори дигар вазифаҳои муҳимми иқтисодӣ-иҶтимоӣ ва сиёсӣ яке аз самтҳои асосии рушди иқтисодиёти минтақаҳои кишвар ба ҳисоб мераад (с. 8-10).

Муаллиф қайд менамояд, ҳангоми таҳқиқи баҳои самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар рушди иҶтимоӣ-иқтисодии минтақа муайян намудани зарур мебошад. Вай ҳамчун омили муҳимми вазъи зиндагӣ ва воситаи асосии истеҳсолоти соҳаҳои комплекси агросаноатӣ хизмат менамояд. Маҳз дар ҳамин маъно арзиши замин ва дигар захираҳои табиӣ барои рушди минтақа дуруст баҳогузорӣ гардида, истифодаи оқилонаи онҳо барои рушди устувори минтақаҳои мамлакат, дар маҶмӯъ мусоидат менамояд. Агар аз нигоҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои

ғизоӣ ва дастрасии аҳолии минтақа бо озуқа дар дилхоҳ вакт ва бо микдори зарурӣ ва ҳаҶми лозима барои дастгирии сатҳи зиндагӣ ва саломати мардум равона мегардад (с. 13-14).

НатиҶаҳои илмии диссертатсия ба рушди Ҷанбаҳои назариявӣ-услубии иқтисодиёти минтақаҳо, аз Ҷумла ки дар ин низоми сарбастаи аграрӣ, хусусиятҳои минтақавӣ таъмини бехатарии озуқаворӣ, усулҳо ва шаклҳои истифодаи захираҳои замин ва ташкили истеҳсолоти кишоварзӣ мақоми махсус дорад. Дар оянда он бояд ба яке аз самтҳои асосии рушди иқтисодиёти минтақа ва низоми экологӣ-иқтисодӣ табдил ёбад. Ва барои он, ки он дар амал татбиқ худро ёбад, бояд таҳлили амиқ ва бисёрпаҳлуи баҳои минтақавии самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва шаклҳои заминдорию урфу одати мардуми тоҶик лозим аст. Баъзе аз хулоса ва пешниҳодҳои дар кори илмӣ дарҶ гардида, ҳам аз рӯйи мавқеи назариявӣ ва ҳам амалӣ барои таъмини бехатари озуқаворӣ дар минтақаҳо, баланд намудани сатҳу сифати зиндагӣ, масъалаи баланд бардоштани вазъи иҶтимоии аҳолӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурӣ истифода бурда шаванд.

Новобаста аз паҳлуҳои мусбӣ, автореферати мазкур аз камбудӣ низ эмин нест аз Ҷумла:

- хуб мешуд, ки муаллиф дар Ҷанбаҳои назариявии идоракунии иқтидори захиравӣ-табиӣ ва хусусиятҳои хоси минтақавии истифодаи самараноки онҳо бештар диққат медод, ки он сифату арзиши кори мазкурро баланд менамуд;

- дар афтореферат масъалаҳои иҶтимоӣ-демографӣ, аз Ҷумла вазъи иҶтимоии аҳолӣ дар минтақаҳои Хатлон камтар аҳамият дода шудааст ва маълум аст, ки ин омил дар таъмини бехатарии озуқаворӣ накши калон дорад.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таткиқоти илмии мазкурро коҳиш намедиҳад ва ҳамчун тавсия барои баланд бардоштани сифати кори он кас кумак менамояд.

Умуман, автореферат дар мавзуи «Истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон) аз рӯи натиҶаҳои илмӣ ва амалии худ ба талаботҳои низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии ТоҶикистон Ҷавобгӯ буда, муаллифи он Расулов Ҷ.Қ. арзандаи дараҶаи илмӣ - номзадии илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03- Иқтисодиёти минтақавӣ ва худудӣ мебошад.

Доктори
илмҳои иқтисодӣ, профессори
МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров"
E-mail: mamarahim@mail.ru.

Исмоилов М.М.

735700, ш. Хуҷанд, хиёбони
Мавлонбеков 1, тел: (+992) 92 775-67-55

Имзои М.М. Исмоиловро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ МДТ "Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров"

Хусейнова З.С.